*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №11 (2838) | ҶУМЪА, 27 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳамралиев Ф.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҳамралиев Фаррух Маҳмудович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1230**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шариф Раҳимзода**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шариф Раҳимзода бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1231**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка озод намудани Ширинов А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ширинов Абдуҷаббор бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1232**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Ҳақназаров Т.И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҳақназаров Туракул Имомович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1233**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ таъин намудани Ҳамралиев Ф.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҳамралиев Фаррух Маҳмудович мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1234**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Шариф Раҳимзода**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шариф Раҳимзода вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1235**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Ширинов А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ширинов Абдуҷаббор раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1236**

## Фармони
### Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Неъматов А. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Неъматов Абдукарим Ҳакимович муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 24 январи соли 2012 №1237**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ зарур аст

**26 январи соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Муғулистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хараавч Аюурзанаро пазироӣ намуд.**

Шукурҷон Зуҳуров Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Муғулистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хараавч Аюурзанаро ба кишвари мо хайра мақдам гуфта, изҳори боварӣ кард, ки бо саъю талоши ӯ равобити дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Муғулистон дар оянда дар сатҳи зарурӣ густариш хоҳад ёфт. Раиси Маҷлиси намояндагон аз он изҳори қаноатмандӣ намуд, ки миёни ду кишвар аз 24 апрели соли 1992, баъди ба истиқлолияти давлатӣ расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносиботи дипломатӣ барқарор гардидааст.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Муғулистон аз таърихи 23 марти соли 2009 дар муносибатҳои миёни ду кишвар асоси мӯътамади сиёсӣ ва ҳуқуқиву шартномавиро ба вуҷуд овард. Дар ҷараёни сӯҳбат миёни сарони ду кишвар ба масъалаҳои ҳамкориҳо дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай, аз ҷумла ба масъалаҳои нақлиёт, коммуникатсия, энергетика, мубориза алайҳи таҳдиду хатарҳои муосир таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд. Дар шумори самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии миёни ду кишвар соҳаҳои чорводорӣ, коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту шир, пӯсту пашм ва ғайра номбар гардидаанд. Ҳамчунин зарурати комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодӣ таъкид шуда буд. Дар ҷараёни сафари мазкури Роҳбари давлати мо бо Президенти Ҷумҳурии Муғулистон як силсила созишномаҳо ба имзо расида буданд.

Шукурҷон Зуҳуров изҳор дошт, ки ҳаҷми муомилоти мол миёни ду кишвар ҳамагӣ ду миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ташкил медиҳад, ки ин хеле кам аст. Дар кишвар алҳол ягон корхонаи муштараки Тоҷикистону Муғулистон вуҷуд надорад. Ҳамчунин то кунун миёни ду кишвар комиссияи муштараки иқтисодӣ таъсис наёфтааст.

Лозим аст, ки мо муносибатҳоямонро дар бисёр соҳаҳои хоҷагии кишварамон ҳар чӣ зудтар густариш диҳем. Хусусан ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати кӯҳкорӣ, бунёди корхонаҳои муштараки иктишоф ва истихроҷи канданиҳои фоиданок, маводи чармӣ ва пӯст, ҳамкорӣ дар соҳаҳои чорводорӣ ва ғайра мутаваҷҷеҳ бояд шуд. Мева ва дигар маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон барои тарафи Муғулистон метавонад қобили таваҷҷуҳ бошад. Ҷои қаноатмандист, ки Муғулистон имрӯз дар чанде аз бахшҳои кишоварзиву саноатӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба дастовардҳои хуб ноил гардидааст. Мо аз ин комёбиҳои кишвари ба мо дӯст шод ҳастем, - таъкид намуд Ш. Зуҳуров.

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Муғулистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Хараавч Аюурзана аз пазироийи самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори сипос карда, иброз намуд, ки сафари мазкури ӯ ба Тоҷикистон сафари чаҳорум аст, ки ба нияти амалӣ намудани як силсила чорабиниҳо ба вуқӯъ пайвастааст. Имсол ба барқарор гардидани муносибатҳои дипломатии миёни ду кишвар 20 сол пур мешавад ва ӯ ният дорад, ки дар ин самт бо ҳукумати кишвари худ ҷиҳати амалӣ намудани чанде аз тадбирҳо муроҷиат намояд. Сафир низ аз он, ки ҳамкориҳои гуногуни байни ду кишвар дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд, изҳори назар намуда, гуфт, ки тамоми саъю талошашро ба он равона хоҳад кард, ки ин муносибатҳо ҳар чӣ зудтар рӯ ба густариш биёранд.

Тарафҳо барои дар оянда ҷиҳати амалӣ намудани муносибатҳои парламентӣ ва ба кишварҳои ҳамдигар сафар намудани ҳайатҳо ба мувофиқа расиданд.

***Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Аз имконоти мавҷуда самаранок бояд истифода бурд

**23 январи соли 2012 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев бо роҳбари намояндагии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Тоҷикистон хонум Северин Шаппаз мулоқот анҷом дод.**

Амиршо Миралиев дар оғоз хонум Северин Шаппазро ба муносибати роҳбари намояндагии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданаш табрик намуда, изҳори боварӣ кард, ки бо интихоб гардидани ӯ ба ҳайси роҳбар муносиботи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх беш аз пеш таҳким ва густариш меёбад.

Ҳамзамон аз фаъолияти густурдаи Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид дошт, ки ифтитоҳ шудани Дафтари намояндагии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 дар чанд минтақаи Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки равобити миёни давлати мо ва Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ба марҳилаи нави ҳамкорӣ ворид шудааст.

-Мо медонем, ки ҳоло дар панҷ ноҳияи водии Рашти Тоҷикистон дафтарҳои намояндагии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх фаъолият мекунанд, ки расонидани кӯмакҳои тиббӣ аз барномаҳои аввалиндараҷаи ин Кумита ба шумор мераванд, - гуфт Амиршо Миралиев ва илова намуд: -Роҳбарияти парлумони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин дар ҷараён аст, ки ин ниҳоди имдодрасони байналмилалӣ дар соли 2010 танҳо дар водии Рашт ба 22 хонавода кӯмакҳои гуногуни моддию маънавӣ расонидааст.

Дар идомаи сӯҳбат мавсуф афзуд, ки Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон мавқеи худро қариб дар тамоми минтақаҳои кишвари мо устувор намудааст. Ҳамчунин дар соли 2011 ба се намояндагии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон таҷҳизоти гуногуни тиббӣ кӯмак кардааст. Намояндагон ва мутахассисони Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ба 50 нафар ҷарроҳони тоҷик ҷиҳати омӯзиши усулҳои ҷадиди ҷарроҳӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои гуногуни фавқулодда ёрӣ расондаанд. Амиршо Миралиев таъкид кард, ки баргузор намудани семинарҳои омӯзишӣ дар минтақаҳои кӯҳистонии кишвари мо, ки аз тарафи Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон дар заминаи бартараф кардани хатари минаҳо ва оқибатҳои ногувори онҳо ҷараён гирифтаанд, дар заминаи баланд гардидани сатҳи огоҳии сокинони ин минтақаҳо роҷеъ ба мина ва хатари онҳо кӯмаки аввалиндараҷа хоҳад расонд.

Дар мулоқот зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими ин муносибатҳои тарафайн заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Роҳбари намояндагии Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Тоҷикистон хонум Северин Шаппаз низ аз сатҳи ҳамкории Кумитаи мазкур бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози қаноатмандӣ намуда, хотирнишон сохт, ки ҳанӯз байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх тамоми имконоти мавҷудаи равобит мавриди истифода қарор нагирифтаанд ва мо итминон дорем, ки ин мулоқот саҳифаҳои ҳанӯз бознашудаи китоби таърихи равобити моро боз хоҳад кард.

Хонум Северин Шаппаз таъкид намуд, ки Кумитаи мазкур мақсад дорад дар соли 2012 дар асоси чанд барнома, аз ҷумла расонидани кӯмак ба маҳбусон ва наздикону пайвандони онҳо, беному нишоншудагон, гузаронидани семинар ва мизҳои гирд бо намояндагони воситаҳои ахбори омма, сохторҳои қудратӣ дар заминаи расонидани кӯмакҳои башардӯстона фаъолияти худро мутамарказ намояд.

Мавсуф иброз дошт, ки соли 2012 фаъолияти худро дар дафтарҳои намояндагии Кумита дар минтақаҳои Кӯлоб, Ишкошим, Рашт ва вилояти Суғд тақвият мебахшем.

Ҳамчунин гуфт, ки ба ҳайси роҳбари Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дар Тоҷикистон аз тамоми имконот ва дониши худ барои тақвияти ҳар чӣ бештари робитаҳои Кумита бо Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода хоҳад кард.

Дар мулоқот ҳамчунин раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Олим Салимзода ва раиси Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафар Муҳаббатов иштирок доштанд.

***Муҳаммадато СУЛТОНОВ, котиби матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## Дар ҳузури Сарвазир омодагӣ ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз баррасӣ шуд

**25 январи соли 2012 дар ҳузури Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов ҷаласаи тадорукотии Иди байналмилалии Наврӯз дар соли 2012 баргузор гардид.**

Сарвазири мамлакат бо изҳори қаноатмандӣ перомуни таҷлили ҷашни Наврӯз дар сатҳи байналмилалӣ сухан гуфта, изҳор дошт, ки дар таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз иштироки ҳайати меҳмонони олимақоми зиёда аз 30 давлати дунё мадди назар аст ва дар сатҳи баланду омодагии сазовор истиқбол кардани Иди байналмилалии Наврӯз аз тамоми роҳбарони вазорату идораҳо, шахсони масъул ва дар маҷмӯъ, кулли сокинони мамлакат, масъулияти зиёд талаб менамояд.

Соли равон нахустин маротиба ҷашни Наврӯз дар сатҳи байналмилалӣ дар пойтахти мамлакат- шаҳри Душанбе баргузор мегардад ва ба истиқболи сазовори ин ҷашни байналмилалӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кумитаи тадорукот таъсис ва нақшаи чорабиниҳо тарҳрезӣ шудааст.

Оқил Оқилов роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва дигар шахсони масъулро вазифадор кард, ки бо мақсади дар кӯтоҳтарин мӯҳлат таҳия намудани барномаи таҷлили Иди Наврӯз ва ташкили чорабиниҳои миллии наврӯзӣ тадбир андешида, омодагиҳоро ба истиқболи ин ҷашн вусъат бахшанд.

***АМИТ «Ховар»***

## Дурнамои ҳамкориҳо нек аст

Чанде пеш дар шаҳри Брюссел Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо Рустамҷон Солиев бо Комиссари Аврупо оид ба рушд Андрис Пиебалс, ки масъули барномаҳои молиявӣ ва техникии Иттиҳоди Аврупо дар кишварҳои сеюм мебошад, вохӯрӣ анҷом дод. Ҷонибҳо ҳолати феълӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногунро муҳокима намуданд. Сафири Тоҷикистон барои дастгирии иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маориф, мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва мустаҳкамкунии сарҳадот аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо изҳори сипос намуд. Дар ҳамин радиф, Р. Солиев аз ҳамсӯҳбаташ зиёд намудани шумораи барномаҳои иқтисодӣ ва лоиҳаҳои Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, бахусус васеъ намудани кӯмакҳои молиявӣ ва техникӣ дар доираи барномаҳои мубориза алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва мустаҳкамкунии сарҳадот, маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикии кишварро хоҳиш намуд.

Андрис Пиебалс изҳор дошт, ки Иттиҳоди Аврупо Тоҷикистонро яке аз кишварҳои калидии минтақа дар самти мубориза алайҳи таҳдидҳои муосир ҳисобида, ҳамзамон кӯмаки худро дар ҳама самтҳо зиёд хоҳад намуд. Ба ин мақсад қарор шуд, ки моҳи январи соли ҷорӣ ду масъули Комиссияи Аврупо оид ба кӯмаки молиявӣ ва техникиро ба хотири муайян кардани самтҳои асосӣ ва густариши минбаъдаи мусоидати молиявӣ-техникии Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон фиристанд.

Баъдан тарафҳо вазъи минтақа ва Афғонистонро муфассал мавриди муҳокима қарор доданд. Дар ҳошияи масъалаи матраҳшуда, Р. Солиев ба мусоҳиб оид ба рафти омодагии гузаронидани Конфронси минтақавии ҳамкории иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки моҳи марти соли равон дар шаҳри Душанбе барпо мегардад, муфассал иттилоъ дода, иштироки фаъоли намояндагони Иттиҳоди Аврупоро дар кори он хоҳиш кард. Дархости мазкур аз ҷониби Комиссари Аврупо мусбӣ пазируфта шуд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Струан Стивенсон:
# Аз бунёди НБО-и «Роғун» на танҳо минтақа, балки ҷомеаи ҷаҳонӣ бурд мекунад!



**Вакили парлумони Аврупо Струан Стивенсон бо ирсоли номае ба унвони Конфронси ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон, ки 26-27 марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, бори дигар зарурати бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ва саҳми онро дар пешрафти минтақа таъкид намудааст.**

Хурсандиовар аст, ки иқдомоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки маншаъ аз сиёсати бунёдкоронаву хирадмандонаи Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гирифта, ҳадафи ниҳоиашон таъмини рушди ҳама бахшҳо маҳсуб меёбад, дар арсаи байналмилалӣ низ дастгирии ҳамаҷониба ёфта истодааст. Далели возеҳи ин суханон андешарониҳои вакили парлумони Аврупо Струан Стивенсон аст, ки мунтазам ҷиҳати зарурат ва муҳимияти бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» садо баланд намуда истодааст.

Ҷоиз ба зикр аст, ки номбурда дар арсаи ҷаҳонӣ шахсияти шинохта буда, тӯли фаъолияташ бевосита ба омӯзиши масоили экологӣ ва муҳити зист шуғл варзидааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки моҳи июни соли гузашта мавсуф аз ҷумҳурии мо боздид ба амал оварда, аз маҳали бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» дидан намуда буд. Боиси хушнудист, ки айни замон ин шахсияти шинохта аз минбарҳои баланди сатҳи байналмилалӣ ҷомеаи ҷаҳониро ба зарурати бунёди ин иншооти барои Ҷумҳурии Тоҷикистон сарнавиштсоз мӯътақид намуда истодааст.

Тавре ҳамватанони азизамон иттилоъ доранд, ба наздикӣ, аниқтараш 26-27 марти соли равон дар шаҳри Душанбе Конфронси ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон доир мегардад. Бо истифода аз ин фурсати муносиб дӯсти қарини Ҷумҳурии Тоҷикистон Струан Стивенсон ба унвони ин ҳамоиш паёме ирсол дошта, бори дигар зарурат ва муҳимияти ин иншоотро на танҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки барои минтақа таъкид кардааст. Мавсуф аз ин хусус чунин нигоштааст: «Об оташдони ташаннуҷи муносибатҳои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, вале на ҳама дарк мекунанд, ки Афғонистон бозингари муҳими потенсиалӣ дар идоракунии захираҳои обии Осиёи Марказӣ буда, 40 дар сади қаламрав ва 33 дар сади аҳолии ин кишвар дар ҳудуди ҳавзаи баҳри Арал маскан доранд. Тақрибан 12,5 дар сади ҳаҷми умумии оби ба ҳавзаи баҳри Арал воридшаванда, ки ҳудуди бениҳоят калони Осиёи Марказиро фаро мегирад, аз Афғонистон сарчашма мегирад, аммо қисмати ками заминҳои худи Афғонистон обёрӣ мешаванд.

Дар накшаҳоиояндаи Мудирияти захираҳои обии Осиёи Марказӣ эҳтиёҷоти Афғонистон низ бояд ба инобат гирифта шавад. Об аллакай сарчашмаи низоъҳои эҳтимолӣ дар Осиёи Марказӣ гардидааст, ки сабаби он мавҷуд будани ҳаҷми зиёди сарбандҳо, ҷӯйборҳо ва обанборҳои кишварҳои поёноб, ба монанди Ӯзбекистон ва Туркманистон аст, ки оби ду дарёи асосӣ-Амударё ва Сирдарёро баҳри обёрикунии заминҳои кишоварзӣ (пахта ва шолӣ) сарф мекунанд. Қаъри аксари ин сарбандҳо, ҷӯйборҳо ва обанборҳо қумӣ мебошад ва мутаносибан дар онҳо ҳаҷми зиёди об тавассути бухоршавӣ ва фурӯравӣ ба қум бебозгашт нобуд мешавад. Натиҷаи он хушкшавии фоҷеабори баҳри Арал шуд, ки сатҳи он ҳамагӣ дар давраи як насл ба андозаи пешина коҳиш ёфтааст.

Коршиносон боварӣ доранд, ки низои имрӯзаи Афғонистон ниҳоят ба анҷом хоҳад расид, аммо барои барқарор намудани соҳаи хоҷагидории кишвар саъю кӯшишҳои зиёд лозим аст. Олимон иброз менамоянд, ки интизор шудани чунин натиҷа бе афзоиши қатъӣ, ҳатто мумкин афзоиши дукаратаи сарфаи об аз дарёҳои Афғонистон, ки ба панҷ кишвари Осиёи Марказӣ тақсим мешаванд, соддагӣ аст.

Тоҷикистон 80 фоиз, Афғонистон 8 фоиз, Ӯзбекистон 6 фоиз ва Қирғизистону Туркманистону Эрон ҳар якеашон наздики 3 фоиз маҷрои Амударёро таъмин месозанд. Ба саҳми нисбатан хурди Туркманистону Ӯзбекистон ба ҳавза нигоҳ накарда, онҳо истеъмолкунандаи асосии об, бахусус барои кишоварзӣ мебошанд. Канали Қароқум (дарозиаш 1110 км) дар Туркманистон обро аз Амударё лаб-лаби Келиф бурда, баъдан аз байни Туркманистон ба Ашқобод ҷорӣ намуда, ҷараёни дарёҳои Теҷен ва Мурғобро пурра месозад. Ба ғайр аз фоҷиаи баҳри Арал яке аз сабабҳои асосии тезутундшавии муносибатҳо миёни истеъмолкунандагони оби ҳавза истифодабарии беандозаи об барои обёрии заминҳо бо мақсади тиҷоратӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Мухтори Қарақалпоқистони Ӯзбекистон норасоии об чунон ҷиддӣ аст, ки талафоти ҳосил ба рӯйдоди оддӣ мубаддал гаштааст».




*Ҳавзаи Баҳри Арал (Сарчашма: Миклин 2007)*

Вакили парлумони Аврупо ҳамчунин аз он изҳори нигаронӣ менамояд, ки: «Дар муҳокимаҳо оид ба коҳиш додани таъсири фоҷиаи баҳри Арал чун анъана Афғонистонро даъват намекунанд. То кунун байни Афғонистону кишварҳои ҳамсояи ӯ аз Осиёи Марказӣ тавофуқномаҳои дучониба оид ба захираҳои обӣ ба даст наомадаанд. Ҳол он ки идоракунии байнидавлатии захираҳои обии ҳавзаи баҳри Арал ба Афғонистон низ таалluқ дорад».

«Ба назарам ҳалли мушкилот комилан возеҳ аст»- навиштааст Струан Стивенсон ва афзудааст: «Дар баробари ин, ҷомеаи байналмилалӣ бояд барои тавсеаи соҳаи кишоварзии Афғонистони баъдиҷангӣ ҳавасманд бошаду кӯмак намояд ва ба ташкили ҷойҳои корӣ дар Афғонистон тавассути рушди соҳибкорӣ ва саноат таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд. Вале соҳибкорӣ ва саноат энергияро металабад ва айни ҳол норасоии қувваи барқ аллакай дар Афғонистон ва гузашта аз ин дар баъзе кишварҳои ҳамсояи болооби ҳавзаи баҳри Арал, ба монанди Тоҷикистон мушоҳида карда мешавад. Ҳоло Тоҷикистон ҳалли ҳақиқии ин масъаларо дар шакли рушди бемайлони гидроэнергетика дар дарёи Вахш- сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» мебинад. Пас аз пурра ба кор даровардан Роғун дорои шаш турбинаи бо иқтидори умумии 3600 мВт гардида, ҳар сол 13,3 млрд. кВт/ соат нерӯи барқ истеҳсол менамояд.

Гидроэнергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар аз Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ба кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Афғонистон ва Покистон содир хоҳад шуд. Айни замон миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон хати интиқоли қувваи барқи 500 кВт сохта шуда истодааст, ки метавонад ба нерӯҳои байналмилалӣ дар барпо намудани сулҳ ва барқарор сохтани иқтисодиёти харобгардидаи Афғонистон хизмат намояд. Ҳамин тавр, лоиҳаи бузурги Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» на танҳо ба таъсиси ҷойҳои корӣ, балки ба барқарории сулҳу субот дар Афғонистон мусоидат мекунад.

Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» инчунин тавассути аз миён бардоштани истифодабарии аз ҳад зиёди об аз маҷрои Амударё ба пешгирии низоъҳои эҳтимолӣ дар кишварҳои поёноби Осиёи Марказӣ, ки бинобар норасоии об сар зада метавонанд, созгор хоҳад буд.

«Татбиқи лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» дар Тоҷикистон бурди Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Покистон ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад», -андешаҳояшро ҷамъбаст намудааст вакили Парлумони Аврупо Струан Стивенсон.

Итминон дорем, ки андешаву пешниҳоди ин сиёсатмадори шинохта аз ҷониби давлатҳои абарқудрат ва ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки маҳз донорҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маҳсуб меёбанд, ба инобат гирифта шуда, раванди бунёди Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро бамаротиб метезонад, зеро он орӣ аз ғаразу манфиатҷӯйӣ аст.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## ●Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**КОМИЛОВА Мелинисо**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Эрйигитов №210, ноҳияи Ашт***

Соли 1930 дар деҳаи Шайдони ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои мудири китобхона, бофандаи артели ҳунармандӣ, сардори бригадаи колхози ба номи Карл Маркси ноҳияи Ашт кор кардааст.



**САФАРОВ Махсум**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ашт №211, ноҳияи Ашт***

Соли 1917 дар ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1934 оғоз намуда, дар вазифаҳои ҳисобчии колхоз, инструктор - муҳандис, раиси колхози ба номи Телман, ба номи Ленин, мудири шӯъбаи савдои ноҳиявӣ, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия ва раиси колхози «Правда»-и ноҳияи Ашт кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ЗАХВАТОВ**
**Василий Ермолаевич**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷарбулоқ №212, ноҳияи Ашт***

Соли 1923 дар вилояти Чкалов таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Дар вазифаҳои лаборант, агротехник, ҷонишини директор, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ӯротеппа, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Комсомолобод кор кардааст.

Бо ордени Ситораи Сурх, медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шоён», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои гирифтани Кенигсберг» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ХУДОЙБЕРДИЕВ Абдулҳай**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Адрасмон №213, ноҳияи Ашт***

Соли 1933 дар деҳаи Шайдони ноҳияи Ашт таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 оғоз намуда, дар вазифаҳои коргари Кони Мансур, Экспедитсияи геологии Қара Тошқутан кор кардааст.



**ХИДИРОВА Кӯзиой**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ғончӣ №214, ноҳияи Ғончӣ***

Соли 1932 дар деҳаи Ғончии ноҳияи Ғончӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1948 оғоз намуда, ҳамчун колхозчӣ ва мудири фермаи колхози ба номи Сталини ноҳияи Ғончӣ кор кардааст.



**ЮНУСОВ Пиримкул**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Яхтан №215, ноҳияи Ғончӣ***

Соли 1924 дар деҳаи Қалъаи баланди ноҳияи Ӯротеппа таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои сардори табелчиёни колхоз, ҷонишини раиси колхоз, раиси садорати иттифоқи матлуботи деҳот, раиси иттифоқи матлуботи ноҳиявӣ, раиси комиҷроияи Шӯрои вакилони ноҳияи Ӯротеппа, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ғончӣ кор кардааст.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва бо медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**АБДУЛЛОЕВ**
**Абдураҳмон Аминович**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Муҷум №216, ноҳияи Ғончӣ***

Соли 1915 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои котиби техникии Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Ленинобод, инструктор ва ҷонишини мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, ҷонишини мудири КМ ҲК Тоҷикистон, вазири хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва бо медалҳои «Барои мудофиаи Кавказ», «Барои шуҷоат», «Барои гирифтани Кенигсберг», «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**МИРЗОРАҲМАТОВА Оча**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Овчӣ №217, ноҳияи Ғончӣ***

Соли 1920 дар деҳаи Овчии ноҳияи Ғончӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1943 оғоз намуда, ҳамчун говдӯши колхози ба номи Калинини ноҳияи Ғончӣ кор кардааст.



**НОСИРОВ Ҳаким**
***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Калининобод №218, ноҳияи Ғончӣ***

Соли 1904 дар деҳаи Далёни болои ноҳияи Ғончӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Аз соли 1920 ба деҳқонӣ машғул буд. Аз соли 1933 ба узвияти колхоз дохил шуда, сардори бригада, раиси колхоз, мудири ферма шуда кор кардааст. Раиси колхози ба номи Свердлови ноҳияи Ғончӣ буд.

Бо медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Форигболӣ то ба кай?

Мусаллам аст, ки дар ҳама давру замон матбуот инъикосгари ҳаёти мардум буд ва мемонад. Гарчанде имрӯз техникаву технология босуръат пеш рафта истодааст, вале бо вуҷуди ҳамаи ин матбуот мақому манзалати худро гум накардааст. Ҳар кадом рӯзнома хонандагони худро дорад ва онҳо ҳар лаҳзаю ҳар соат интизори ин ё он рӯзномаи дӯстдоштаи худ мебошанд. Аз ин ҷост, ки сарфи назар аз баланд гардидани нархи бозор, муштариён ба рӯзномаю маҷаллаҳои дӯстдоштаашон сари вақт обуна шуда истодаанд.

Вале, сад афсӯс, ки баъди обунашавӣ онҳо дар вақташ рӯзномаю маҷаллаҳоро гирифта наметавонанд ва касе ҳам ба додашон намерасад. Ягона умеди обунашудагон шикоят то дари намояндагиҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» дар ноҳияҳо ва вилоятҳо мебошаду халос. Вале он ҳам бенатиҷа. Аз ҷумла солҳо боз ба доду фарёд, зорию таваллои сарварони намояндагии КВД «Почтаи тоҷик»-и дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буда аз масъулон касе ҷавоб ҳам намегардонаду парво ҳам надорад. Мазмун: Гунҷишкбача модарашро ҷик-ҷик наомӯзад…

Инак, аз соли 2012-ум даҳ рӯз сипарӣ гашту аз рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ дарак нест. Ҳатто нисфи рӯзномаю маҷаллаҳои моҳи декабри соли гузашта ҳам ба обуначиён нарасидааст. Ҳоло ҳамагӣ бо чашми чор нигарони ким-кадом як КАМАЗ-и афсонавианд. Ҳолдонҳо мегӯянд, ки КАМАЗ-и мазкур баъди ним моҳ, Худо хоҳад, ба Хоруғ мерасад. Аҷобати кор дар он аст, ки рӯзномаҳои шахсӣ, ки шумораашон аз 20 номгӯй зиёдтар аст, ҳанӯз рӯзҳои ҷумъа дар бозори шаҳри Хоруғ ба фурӯш бароварда мешаванд. Маълум мешавад, ки ташкили кори паҳнкунандагони ин нашриёҳо аз ташкили кори ду идораи бонуфуз - Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» хубтару беҳтар ба роҳ монда шудааст. Шояд ин идораҳо барои омӯхтани таҷриба ба рӯзномаҳои шахсӣ муроҷиат кунанд?! Хайр чӣ? Ҳеҷ ҷойи шармаш нест. Корро, ки дуруст ба роҳ монда наметавонанд, омӯзанд.

Дар хусуси нарасидани рӯзномаҳо борҳо аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба идораҳои дахлдор дархост равон шуда бошад ҳам, аз ҷониби Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД «Почтаи тоҷик» масъуле пайдо нашуд, ки ҷавоб нависад.

Масалан, 19 октябри соли 2011 аз ҷониби раиси ВМКБ таҳти рақами 1/450 ба унвони сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бек Зуҳуров мактуб ирсол гардида буд, ки дар он зикр шудааст: «Нақшаи обуна дар вилоят ҳар сол барзиёд иҷро мегардида бошад ҳам, рӯзномаю маҷаллаҳо баъди 10-12 рӯз ба маркази вилоят ва ба ноҳияҳои дурдаст баъди як моҳ мерасанд. Чунин вазъият метавонад ба маъракаи обуна дар солҳои минбаъда таъсири манфӣ расонад. Зимни воҳӯриҳои раиси вилоят мунтазам масъалаи сари вақт дастрас нашудани рӯзномаю маҷаллаҳо ба миён гузошта мешавад, зеро муштариён эродҳои ҷиддӣ мегиранд ва ҳақ ҳам ҳастанд. Маблағи дастраскунии рӯзномаҳои «Садои мардум», «Минбари халқ», «Ҷумҳурият» ба намояндагии Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи тоҷик» дар вилоят ҷуброн карда намешавад.

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки шароити ҷуғрофии ВМКБ ва вазъи молиявии КВД «Почтаи тоҷик»-ро дар вилоят ба инобат гирифта, дар ҳалли сари вақт дастрас намудани матбуоти даврӣ ва беҳбудии базаи моддии он кӯмак расонед».

Дар ҳақиқат ҳам намояндагии КВД «Почтаи тоҷик» дар ВМКБ дар ҳолати ногувор қарор дорад. Агар шуду рӯзномаву маҷаллаҳо баъди 12 рӯз ба шаҳри Хоруғ расанд, намояндагии корхона боз маҷбур аст, ки бо сарфи маблағи зиёд барои ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ рӯзномаю маҷаллаҳоро фиристонад. Ҳол он ки КВД «Почтаи тоҷик» метавонад онҳоро ба воситаи мошинҳои мусофирбар аз шаҳри Душанбе ба ноҳияҳои мазкур интиқол диҳад. Дар ин хусус борҳо ба идораҳои марказӣ муроҷиат карда шудааст. Дарвоқеъ, ин муроҷиати Корхонаи вилоятии «Почтаи тоҷик» солҳо боз ба инобат гирифта намешавад. Базаи моддӣ-техникии он хеле хароб аст. Давраи пеш ин корхона 55 мошини гуногунтамға дошт. Ҳоло бошад, соҳиби як мошинаи вайронаи УАЗ-469 аст, ки соли барориш 1984 мебошад. Акнун тасаввур кунед, ки чӣ хел ба ноҳияи Мурғоб, ки 360 км аз маркази вилоят дур аст, сари вақт рӯзномаю маҷалла ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими давлатиро бурда мерасонанд. Ноҳияҳои Роштқалъаю Ишкошим ва водиҳои Ғунду Язгулом ҳам дар чунин вазъ қарор доранд.

Ҷоиз ба зикр аст, ки гузаронидани маъракаи обуна вазифаи намояндагиҳои КВД «Почтаи тоҷик» дар маҳалҳост, вале онҳо на танҳо ин вазифаи ҷонии худро кайҳо фаромӯш кардаанд, балки расонидани рӯзномаю маҷаллаҳоро низ бар дӯши дигарон бор карданианд. Агар ин тавр нест, пас бигӯянд, ки чаро 31267 нусха рӯзномаю маҷалла, ки муштариёнашон дар шаҳру навоҳии ВМКБ чашминтизор истодаанд, баъди 10-12 рӯз болои КАМАЗ хоб рафтанашон дар бозори «Султони Кабир» ба суроғаи муқарраршуда дастрас мегарданд?

***Ш.ШОҲҚОСИМОВ,***
***«Садои мардум»***

# Номаҳо ва муроҷиати шаҳрвандон ба рӯзнома танҳо аз шикоят иборат нест

Баъди сӯҳбат бо меҳмонони навбатии рӯзнома Изабелла Александровна Наҷмиддинова ва ҳамсараш Қаландаров Сафаралӣ Сафоевич ба онҳо гуфтем, ки арзи миннатдориашонро нисбат ба табибони ҳозиқ, ки барои наҷоти духтарашон кӯшиш кардаанд, мерасонем. Вале онҳо тақозо карданд, ки ин кам аст. Бо хоҳиши зиёд аз мо дархости як мақолаи калонтарро дар бораи табибони дардошно карданд:

-Онҳо марвориди тибби тоҷиканд, илтимос, бародар, дар бораи онҳо мақола навишта, ҳамин нуктаро зикр кунед ва мо мехоҳем ин мақола маҳз дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шавад.

Бо дархости эшон якчанд маротиба ба Беморхонаи клиникии шаҳрии №5-и ба номи академик Тоҷиев рафта, маводе омода сохта, таҳти унвони «Марвориди тибби тоҷик» дар шумораи №141 аз 28 ноябри соли 2011 зери рубрикаи «Аз пайи мактуб» ба нашр расондем. Воқеан, давоми соли сипаришуда борҳо чунин дархосту хоҳишҳо шуданд ва мувофиқи имконият онҳоро ба ҷо овардем. Арзу шикоятҳо низ кам набуданд ва мо онҳоро дар гӯшаи «Навиштам номае» ҷой дода, чоп кардем. Илова бар ин, бинобар арзу шикоятҳои мардум оид ба танқисии оби тоза, мушкилоти роҳу нақлиёт, костагии одобу ахлоқ дар ҷомеа маводҳо таҳия гардида, таҳти унвони «Дар лаби оби равон лабташна мемирем мо» ( 11 апрели соли 2011 таҳти №46), «Нақби «Истиқлол» ҷавобгӯйи талабот мешавад» (14 феврали соли 2011 таҳти №16-17), «Арз ва насиҳати бобои Инсоф» (9 августи соли 2011 таҳти №99-102) мақолаҳо ба табъ расонда шуданд. Баъзе номаҳо ба таври алоҳида дар саҳифаҳои рӯзнома ҷой дода шуданд, ки номаи пуралами духтараки деҳаи дурдасти кӯҳистони ноҳияи Шӯрообод Ҳаётбегими Худойназар таҳти унвони «Оё рӯзноманигор мешуда бошам?» ( 5 августи соли 2011 таҳти №97-98) аз ҳамин зумраанд. Воқеан, масъулону мутасаддиён аз Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои марбутаи он доир ба ин муроҷиати духтараки деҳотӣ то ҳол ба идораи рӯзнома ҷавоб надодаанд.

Номаҳо чанд қабиланд: дархостӣ, арзу шикоят, пешниҳод, хабаре оид ба ин ё он рӯйдод ва ё мақола. Ба шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеаи рӯзномаи «Садои мардум» соли 2011-ум 212 мавод ворид шуд, ки 104-тои он ба табъ расида, 40 мавод бо сабабҳои гуногун қобили чоп дониста нашуд. Ҳоло 67 маводи дигар омодаи чоп аст, як навишта бо хоҳиши муаллифон баргардонида шуд.

Шаҳрвандон дар номаҳои хеш оид ба мушкилоти рӯзгорашон, бемасъулиятии баъзе аз масъулон, масъалаҳои доғи зиндагӣ ва монанди ин менависанд ва ё агар масъули идорае, муассисае ба ӯ ёрӣ расонида бошад, мехоҳанд арзи миннатдориашонро чоп кунем, то ба дигарон ибрат шавад. Инсон, албатта, аз корҳои неке, ки нисбат ба вай анҷом дода мешавад, хушҳол мегардад ва мехоҳад ба ивази некӣ, дастгирӣ, ёрии ба ӯ расида арзи миннатдорӣ баён кунад. Мутаассифона, баъзе масъулоне ҳастанд, ки дар идораҳо нишаста, ба ҷойи он ки ба доди мардум бирасанд ва дар ҳалли масъалаҳои бамиёномада ёрӣ расонанд, баръакс, мушкилоташонро дучанд мегардонанд. Дар ин ҳолат шаҳрванд маҷбур мешавад ба идораҳои болотар ва ё ба рӯзнома муроҷиат намояд.

Дар миёни номаҳое, ки ба рӯзнома мерасанд, тавре зикр намудем хабару мақола, лавҳаю гузоришҳо низ ҳастанд. Вале аз чопи як қисми онҳо, бинобар ба талаботи рӯзнома ҷавобгӯ набудан худдорӣ карда мешавад. Баъзе номаҳоро барои тасдиқи ин ё он далел ба идораҳои дахлдор мефиристем ва ё барои санҷиш ба хабарнигорони рӯзнома дар маҳалҳо вогузор менамоем. Чунончӣ, аз номи Имомов Мирзораҳим -истиқоматкунандаи деҳаи Новичомоқ, деҳоти Косатароши ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд оид ба мунокишаҳои байни ҳамсояҳо дар атрофи замин ва хона, Рақиб Расулов -истиқоматкунандаи шаҳри Истаравшан нисбати нарасидани оби нӯшокӣ шикоятномаҳо расиданд. Барои таҳлил ва баррасӣ ин номаҳои шикоятиро ба хабарнигори минтақавиамон Ҳусейни Назрулло фиристодем. Вай аз пайи номаҳо рафта, вазъиятро ҳамаҷониба санҷида, дар ҳалли масоили зикршуда саҳмгузорӣ кард. Аз ҷумла баъди дахолати хабарнигори мо шикоятномаи Р. Расулов дар ҷояш ҳал гардид ва ба хонаи ӯ ва дигар оилаҳои мӯҳтоҷ хати алоҳидаи оби нӯшокӣ гузаронида шуд.

Қисми дигари номаҳо, ки хусусияти иттилоотӣ доранд, яъне оид ба ин ё он воқеа ва ё навигарие хабар дода мешавад, дер ба идораи рӯзнома мерасанд ва хусусияти хабариро гум мекунанд. Бинобар ин, аз чопи чунин мавод худдорӣ карда мешавад. Навиштаҳои Анварбеки Абӯнаср таҳти унвони «Бахти донишҷӯ», Ш. Ҷӯраева таҳти унвони «Саршумори чорво ва маъракаи наслгирӣ» ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Ҳамзамон баъзе навиштаҳое, ки аз номи хабарнигорони мо ва мухбирони ҷамоатӣ аз минтақаҳои гуногун мерасанд, бинобар ворид шудани маводи таъҷилии расмӣ, аз саҳифаи шумораҳо гирифта мешавад.

Рӯзномаи «Садои мардум» нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва албатта, талаботи махсуси худро дорад. Дар он асосан хабарҳои аҳамияти умумиҷумҳуридошта, матолиби ҷиддитар ва навиштаҳои боэътимоду далелҳои асосноку санҷидашуда ба нашр мерасанд. Муаллифони мақолаҳои «Муҳофизати Ватан қарзи фарзандии мост», «Фидоиёни ҳимояи Ватан» (Талаб Назруллоев), «Мандати вакилӣ чист?» (Мақсудҷон Сафарзода), «Қонун -беҳтарин дарки масъулият» (Ҳанифаи Муҳаммадохир) бо вуҷуди даст задан ба мавзӯъҳои муҳиму рӯзмарра онҳоро ба таври зарурӣ таҳлил накарданд. Далелҳои овардаашон низ чандон ҷолибу қобили нашр набуд. Бинобар ин, аз чопи навиштаҳои эшон худдорӣ кардем.

Баъзе муаллифон маводи омодакардаашонро якбора ба якчанд нашрия мефиристанд. Ҳамчунин дар бораи шахсиятҳои арзанда ва ё рӯйдоде, ки пештар дар рӯзномаи мо нашр гардида буд, баъзе матолиби такрорӣ низ мерасанд ва зарурати чоп кардани чунин мавод намемонад. Чунончӣ, «Мақолаи таҳқирангез»-и муаллифи доимиамон Ҳокими Сафар аз ноҳияи Файзобод дар рӯзномаи ноҳиявии «Набзи Файзобод» чоп шудааст ва ҳатто ба номи муаллиф аз прокуратураи ноҳия, Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ ҷавоб ҳам омадааст.

Мақолаи ҷолиби пешниҳоднамудаи Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Ортиқи Қодир - «Тоҷикфилм» замоне шиносномаи миллат буд» низ, ки ба фаъолияти ҳунарпешаи боистеъдод Муҳаммад Алӣ Маҳмадов бахшида шуда буд, дар саҳифаи рӯзнома ҷой нагирифт, зеро он рӯзи 10 августи соли 2011 дар шумораи №32-и ҳафтаномаи «Чархи гардун» ба табъ расид. Ва ё маводи ҷолиби рӯзноманигор Нури Ҷаҳонпур «Ҷаҳонқаҳрамон Зоир Пиров: «Ман бо номи Тоҷикистон ифтихор дорам», ки мо онро 12 апрели соли ҷорӣ ба қайд гирифтем, дар таърихи 14 апрел, шумораи №14 рӯзномаи «Минбари халқ» чоп шуд.

Бинобар овардани рақамҳои зиёд ва мавҷуд будани ин рақамҳо дар китобҳо, ҷолиб набудани мавод аз чопи навиштаҳои Муҳаммадалӣ Саидмуродов -«Панду андарзҳои устод Мирзо Турсунзода» худдорӣ карда шуд. Маводи ба муносибати 20 –солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, таҳти унвони «Инро бояд ҳар кас донад» омоданамудаи муаллими калони Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоҷон Абдуллоев бошад, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, луғатҳои соҳавӣ ҳамаҷониба тавзеҳ дода шудаанд ва он ба хонанда маълумоти наве дода наметавонад. Аз ин сабаб чоп нашуд.

Бо вуҷуди ин, ба ҳамаи муаллифоне, ки давоми сол бо мо ҳамкорӣ доштанд, изҳори миннатдорӣ мекунем ва боварӣ дорем, ки ҳамкориҳоямон дар соли нави 2012 идома меёбанд.

Мову шумо якҷоя бо навиштаҳои хеш, андешаву пешниҳодоти судбахш тавассути рӯзномаи «Садои мардум» метавонем дар пешрафту шукуфоии Ватани маҳбубамон, беҳтар шудани вазъи зиндагӣ саҳмгузор бошем.

***Бурҳониддин КАРИМЗОДА,***
***муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеаи рӯзномаи «Садои мардум»***

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## Кори суғурта бомаром пеш меравад

Ташкилоти иттифоқҳои касаба ва соҳаи суғурта аз ҷумла сохторҳое махсуб меёбанд, ки дар ҳама ҳолат ба оммаи меҳнаткашон наздиктар мебошанд. Ба боварии мардум бошад, сазовор гаштан кори саҳл нест. Ба ин мазмун, Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксуғурта» аз ин лутф дар канор намондааст, ки пеш аз ҳама бо шарофати дуруст ба роҳ мондани фаъолият ва иҷрои софдилонаи вазифаҳои ба зимма доштаашон даст додааст.

КВД «Тоҷиксуғурта» аз рӯйи 36 намуди суғурта, ки 13- тоаш суғуртаи ҳатмӣ ва боқӣ суғуртаи ихтиёрӣ мебошанд, ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Соли ҳисоботӣ ба 1 миллиону 66 ҳазору 200 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шартномаҳои суғуртавӣ баста шудаанд, ки қисмати зиёдашро суғуртаи ихтиёрӣ ташкил медиҳад.

Соли гузашта ба 14 ҳазору 100 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба маблағи умумии 10 миллиону 137 ҳазору 200 сомонӣ ҷуброни зарар пардохт гардидааст. Мавқеи КВД «Тоҷиксуғурта» дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ мавриди воридшавии маблағҳои ҳаққи суғуртавӣ 51,3 фоиз ва ҳақгузорӣ ба зарардидагон дар соли 2011-ум 77,5 фоизро ташкил медиҳад.

КВД «Тоҷиксуғурта» дар ҳамаи чорабиниҳо аз ҷумла кӯмакҳои беғаразонаю хайрхоҳона, фаъолона ширкат дошта, саҳм мегузорад.

- Шиори мо ҳамкории густурдаи дохиҷумҳурӣ ва берунмарзӣ бо ҳама ташкилоту идораҳо, ҳатто ҳамтоёни бахши хусусӣ, мебошад. Соли 2012 ин марҳилаи ворид шудан ба бозори суғуртаи ҷаҳонӣ, шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадами ҳамкасбони хориҷӣ, ҳамқадамӣ бо ширкатҳои пешрафтаи суғуртаи олам мебошад, - изҳор дошт дар нишасти матбуотӣ раиси КВД «Тоҷиксуғурта» Аловуддин Сатторов.

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***

## Хатсайрҳои нав ифтитоҳ мешавад

Чанд рӯз пеш Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷик Эйр» хатсайри Душанбе - Стамбулро барқарор намуда, парвозҳоро ба самти Туркия оғоз намуд. Умуман, дар соли сипаришуда ҳавопаймоҳои ширкати мазкур ба 8 шаҳри Федератсияи Россия ва шаҳрҳои Бишкек, Алмаато, Теҳрон, Машҳад, Урумчӣ ва Шарҷа парвозҳои мунтазам анҷом додаанд. Имсол доираи парвозҳо боз ҳам зиёд мешавад. Аз ҷумла ҶСК «Тоҷик Эйр»ояндаи наздик ифтитоҳи хатсайрҳоро ба самти Бангкок, Дубай, Деҳлӣ, Қарочӣ, Исломобод ва Сеул дар назар дорад.

Ин навидҳо зимни нишасти матбуотӣ дар ҶСК «Тоҷик Эйр» ба хабарнигорон расонда шуд.

Ҳамзамон тавре директори тиҷоратии ҶСК «Тоҷик Эйр» Исмоил Ғаффоров иттилоъ дод:

-Дар доираи навсозии парки ҳавопаймоӣ дар соли 2011 ду ҳавопаймои бароҳати «Боинг 737-300» ва як ҳавопаймои «МА – 60» харидорӣ шуд. Илова бар ин, ширкат бобати харидории ҳавопаймоҳои россиягии «Сухой Суперҷет – 100» созишнома ба имзо расонид ва мутобиқи он ҳавопаймоҳо соли 2014 вориди Душанбе мешаванд. Айни ҳол ширкати ҳавопаймоӣ имконоти харидории ҳавопаймоҳои наву замонавиро низ баррасӣ менамояд. Аз ҷумла бо мақсади ҷалби сармоягузории иловагӣ барои харидории ҳавопаймоҳои нав бо ширкати «Делоит& Туш» қарордоди дахлдор ба имзо расид. Тибқи ин қарордод ширкати «Делоит& Туш» фаъолияти молиявию хоҷагидории ҶСК «Тоҷик Эйр»-ро дар солҳои 2009-2011 санҷида, хулосаи худро то охири моҳи апрели соли ҷорӣ пешниҳод менамояд. Ҳоло дар тавозуни корхона 36 адад ҳавопаймо ва чархбол ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 15 – тоаш мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад.

Тибқи маълумоти ба хабарнигорон пешкашгардида натиҷаҳои истеҳсолии дар соли 2011 бадастовардаи ширкат низ хуб аст. Чунончӣ, дар ин давра 2721 парвоз анҷом дода шуд, ки ин дар бозори интиқоли ҳавоии кишвар нишондиҳандаи баланд аст. Пуркунии хатсайрҳо дар соли гузашта 4,6 фоиз ва даромади умумии ширкат 10 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми интиқоли бор ва почта дар соли 2011-ум 1395,6 тоннаро ташкил дод.

Илова ба маълумоти пешкашгардида Исмоил Ғаффоров ва масъулони дигар бахшҳои ҶСК «Тоҷик Эйр»- Сӯҳроб Ҷӯраев, Зафар Расулов ва Искандар Қурбонов ба суолҳои сершумори намояндагони воситаҳои ахбори омма посухҳои мушаххас доданд.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Фишанги зӯроварӣ

Ба нишасти матбуотии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» рӯзноманигорони зиёд ташриф оварданд. Ин бесабаб набуд. Муддати тӯлонист кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистон қатораҳои Тоҷикистонро беасос моҳҳо бозмедорад. Ин амали номатлуби баъзе ҳукуматдорони ҷумҳурии ҳамсоя ба иқтисодиёти кишвар хисороти ҳангуфт ворид месозад. Ба ин ва дигар масоил рӯзноманигорон мехостанд посух бигиранд.

- Дар давоми соли 2011 боркашонӣ тариқи роҳи оҳан 9 миллиону 242 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 1 миллиону 204 ҳазор тонна кам аст, - гуфт зимни нишаст муовини аввали сардори КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» В. Собкалов. – Боркашонии транзитӣ бошад, ба 3 миллиону 903 ҳазор тонна баробар шуд. Дар муқоиса ба соли 2010 ин нишондиҳанда 1 миллиону 32 ҳазор тонна кам гардидааст. Ҳукумати кишвари ҳамсоя қарори пӯшидае бароварда, супориш додааст, ки ҳаҷми боркашонии транзитӣ дар соли 2011 нисбат ба соли 2010-ум то 2 миллион тонна кам карда шавад. Айни замон ҳаҷми боркашонии транзитӣ рӯз ба рӯз кам мешавад.

Ба суоли рӯзноманигорон доир ба вазъи қитъаи роҳи гӯё аз кор баромадаи Узганд, ки воридоти мол ба вилояти Хатлон тариқи он сурат мегирад, В.Собкалов чунин гуфт:

- Ман бо муовини раиси Раёсати роҳи оҳани Ӯзбекистон Исматуллоев воҳӯрда, ин ҳолатро аз ӯ пурсон шудам. Дар посух гуфт, ки агар ба мо иҷозати бунёди ин қитъаро диҳанд, як – якунимрӯза кор аст. Маълум мешавад, ки роҳбарияти кишвари ҳамсоя бо ҳар роҳ мехоҳад ба ҳаракати қатораҳои мо халал расонад. Роҳи оҳан ба як фишанги зӯроварӣ табдил ёфтааст.

- Ман аз намояндагони воситаҳои ахбори омма эҳтиромона хоҳиш менамоям дар ин вазъи баамаломада ба мо, роҳиоҳанчиён, ҳамкорӣ намуда, кӯмак расонанд, - гуфт дар поёни нишаст В.Собкалов.

***Т.ДАВЛАТ, «Садои мардум»***



## Резаахбори иқтисодӣ

### ТУРКИЯ ТОҶИКИСТОНРО ҶОНИБДОРӢ КАРД

Ба наздикӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия вобаста ба дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ворид гардидан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) протокол ба имзо расид. Ҳуҷҷати мазкур дар ҳошияи баргузории ҷаласаи навбатии вазирони иқтисод ва савдои кишварҳои СУС ба имзо расида, ба он Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария Салоҳиддин Насриддинов ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Туркия дар СУС Бозуркат Арон имзо гузоштанд. Интизор меравад, ки чунин протокол дарояндаи наздик бо дигар кишварҳои аъзои СУС низ ба имзо расад.

### «ТОҶИКАЗОТ» БЕ ГАЗИ ТАБИӢ МЕМОНАД

- ҶСК «Тоҷиктрансгаз» зимни имзои шартнома бо ҶСК «Узтранс-газ» ҷиҳати харидории гази табиӣ барои соли 2012 талаботи Корхонаи муштараки «Тоҷиказот»-ро ба инобат нагирифтааст, - мегӯяд директори генералии ҶСК «Тоҷиктрансгаз» С. Шарофиддинов. Бино ба гуфти номбурда, сабаби иқдоми мазкур ҷавобгӯй набудани хатҳои интиқоли гази корхона маҳсуб меёбад. Хатҳои мазкур барои интиқоли гази табиӣ бо фишори зиёда аз 5 атмосфера пешбинӣ шудаанд. Вале барои «Тоҷиказот» интиқоли гази табиӣ бо фишори 10 атмосфера зарур аст. Ғайр аз ин, зиёда аз 30 км хатҳои интиқоли гази ин корхона дар ҳудуди ноҳияи Хуросон дар ҳолати садамавӣ қарор доранд, афзуд манбаъ.

### АЗ ШСХК «БАРҚИ ТОҶИК» 598,7 МИЛЛИОН СОМОНӢ ҚАРЗДОРАНД

Тибқи иттилои котиби матбуотии ШСХК «Барқи Тоҷик» Нозирҷон Ёдгорӣ, ба санаи 1 январи соли ҷорӣ қарзи ташкилоту идораҳо ва аҳолӣ дар назди ширкат 598,7 миллион сомониро ташкил додааст. Қарздори асосӣ Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, маблағи қарзи он 182 миллион сомониро ташкил медиҳад. Қарзи шаҳрвандон бошад, ба 276,5 миллион сомонӣ расидааст.

### ХАТСАЙРИ НАВИ «СОМОН ЭЙР»

Ширкати ҳавопаймоии «Сомон Эйр» хатсайри навро ба самти Хуҷанд-Краснодар ифтитоҳ хоҳад намуд. Тибқи иттилои сомонаи интернетии ширкат, парвоз ба хатсайри зикршуда шурӯъ аз 4 феврали соли ҷорӣ моҳе ду маротиба тариқи ҳавопаймои замонавии «Боинг -737» сурат мегирад.

### ЭЪТИМОДИ ХБА БА ТОҶИКИСТОН ОСЕБНОПАЗИР АСТ

Шӯрои иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) дар доираи лоиҳаи «Тавсеаи механизми қарзӣ» ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани 20 миллион доллари ИМА-ро қобили қабул донист. Тавре сомонаи интернетии намояндагии созмони мазкур дар шаҳри Душанбе иттилоъ медиҳад, қарори мазкур вобаста ба натиҷаҳои шарҳи панҷуми нишондиҳандаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи фавқуззикр қабул шудааст. Ҳамин тариқ, ҳаҷми умумии маблағҳои дар доираи ин лоиҳа аз ҷониби Хазинаи Байналмилалии Асъор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда 140,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

### 12-УМИН КОРХОНАИ ПАХТАТОЗАКУНӢ ДАР МИНТАҚА

Чанде пештар дар деҳоти «Зафар»-и ноҳияи Фархор корхонаи нави пахтатозакунӣ, ки тавоноии коркарди 20000 тонна пахтаро дар як сол дорад, мавриди истифода қарор гирифт. Гуфтан бамаврид аст, ки корхонаи мазкур бо дастгирии ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» бунёд шудааст. Бонки зикршуда барои ин иқдом 700000 доллари амрикоӣ қарзро бо мӯҳлати пардохташ то се сол пешниҳод намудааст. Ин 12-умин корхонаи пахтатозакунӣ дар минтақа мебошад.

### 25 НБО-И ХУРД ДАР ЯК СОЛ

Тибқи иттилое, ки аз Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намудем, соли гузашта дар ҷумҳурӣ 25 нерӯгоҳи барқи обии хурд бо иқтидори умумии 7 мВт мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Ҳоло бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ сохтмони 13 адад чунин иншоот идома дорад, ки иқтидори умумии онҳо 3 ҳазору 434 квт/соатро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, бино ба иттилои манбаъ, тӯли солҳои соҳибистиқлолии кишвар 262 нерӯгоҳи барқи обии хурд, ки тавоноиашон 23 мВт-ро ташкил медиҳад, сохта ба истифода дода шудаанд.

### ЗАМИНҲОИ ПАХТА АЗ ҒӮЗАПОЯ ТОЗА ШУДААСТ

Соли ҷорӣ дурнамойи тоза намудани заминҳо аз ғузапоя 201112 гектарро ташкил медиҳад, ки то 23 январи соли 2012 майдони 199993 гектар ё 99 фоизи замини пахта аз ғӯзапоя тоза карда шуд.

Кишоварзони вилояти Суғд майдони 62427 гектар замини пахтаро аз ғӯзапоя пурра тоза ва иҷрои дурнаморо 100 фоиз таъмин намуданд. Дар хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон бошад, майдони 125677 гектар замини пахта аз ғӯзапоя тоза карда шудааст, ки баробари 99 фоизи дурнамо мебошад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои тобеи марказ 11840 гектарро (100 фоиз) ташкил медиҳад.

### РАФТИ ШУДГОР ВА КИШТИ ТИРАМОҲӢ

Бино ба иттилои Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзӣ соли ҷорӣ дурнамои шудгори тирамоҳии зироатҳои ғалладона, картошка ва сабзавоти барвақтӣ дар ҷумҳурӣ 618015 гектарро дар бар мегирад, ки то имрӯз масоҳати 381429 гектар (61,7 фоиз) замин шудгор шудааст.

Дурнамои кишти тирамоҳӣ ҳамагӣ 187353 гектар буда, то имрӯз дар майдони 189957 гектар (101,4 фоиз) замин кишти тирамоҳӣ анҷом ёфтааст.

Дар ҳамин радиф, нақшаи кишти ғалладонагиҳо 178260 гектарро ташкил медиҳад, ки то имрӯз 181525 гектар (102 фоиз), аз он 169924 гектар гандум ва 11455 гектар ҷав кишт шудааст.

Дурнамои кишти картошка 2000 гектарро дар бар гирифта, айни ҳол дар майдони 936 гектар картошка шинонидаанд, ки ба 46,8 фоизи дурнамо баробар мебошад.

### ГАРМХОНАҲО ДАР ҒАНОВАТИ БОЗОР САҲМГУЗОРАНД

Тибқи маълумоти аз Вазорати кишоварзӣ дастраснамудаамон дар ҷумҳурӣ нақшаи кишт дар гармхонаҳои доимӣ 67,97 гектар буда, то 23 январи соли 2012 дар майдони 60,49 гектар иҷро гардидааст, ки баробари 89,0 фоизи нақша мебошад. Аз он ҷумла дар гармхонаҳо майдони 23,75 гектар помидор, 17,60 гектар бодиринг ва 19,14 гектар дигар намуди сабзавот кишт карда шудааст. То имрӯз аз гармхонаҳо 62,2 тонна помидор, 41,7 тонна бодиринг, 21,39 тонна дигар намуди сабзавот ҷамъоварӣ шудааст.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд шудааст

Нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод бо иштироки раиси ноҳия, муовинони раис, роҳбарони сохторҳои қудратӣ, идораву муассисаҳо ва масъулини дигар доир гардид. Аз гузориши раиси ноҳия Абдулло Ҳакимов маълум шуд, ки иҷрои аксарияти нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ нисбати соли 2010 барзиёд таъмин гардидааст. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 123 миллиону 768 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 –ум 13 миллиону 237 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Иҷрои қисми даромади буҷет ба андозаи 18 миллиону 59 ҳазор сомонӣ ва қисми хароҷот ба андозаи 17 миллиону 310 ҳазор сомонӣ таъмин гардид.

Иҷрои нақшаи ҳамаи 16 намуди андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ пурраву барзиёд иҷро гардида, ба буҷет ба ҷойи 8 миллиону 310 ҳазор сомонии банақшагирифташуда 8 миллиону 955 ҳазору 951 сомонӣ ворид шуд, ки ба 107 фоиз баробар аст.

Ҳамчунин Абдулло Ҳакимов дар ҷараёни гузориши хеш вобаста ба назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арзу шикоятҳои ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия воридшуда, фаъолияти Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, истифодаи замин, рушди соҳаи маориф, фарҳанг, тандурустӣ, кор бо занон ва оила, варзиш, ҷавонон ва сайёҳӣ, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, сохтмон ва меъморӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, саноат ва энергетика, тартиботи ҷамъиятӣ, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҷараёни зимистонгузаронӣ, омодагӣ барои таҷлили ҷашни байналмилалии «Наврӯз» ва ғайраҳо ба хабарнигорон маълумоти муфассал дод.

***Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»***

## Шитобкорон зиёданд, вале...

Бино ба гуфти директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдувалӣ Комилов, раванди бунёди манзил дар кишвар бесобиқа рушд ёфта, соли гузашта дар масоҳати умумии 826891 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар 30 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар асоси нақшаҳои генералӣ корҳо ҷараён дошта, таҳияи нақшаҳои генералии шаҳрҳои Истаравшан, Сарбанд, Панҷакент, Қайроққум, Конибодом, ноҳияҳои Спитамен, Файзобод, Шӯрообод, Абдураҳмони Ҷомӣ, Рӯшон, Ховалинг ва Ишкошим аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар» идома дорад. Аз 1412 иншооти ҷашнӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон то имрӯз 1259 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар 91-тои дигар корҳои сохтмону васлгарӣ давом доранд.

Ба суолҳои корманди рӯзнома бобати омилҳои ба шитобкорӣ роҳ додан зимни ба истифода додани иншоот,чораандешиҳои Агентӣ дар ин ҷода ва раванди таҳияи лоиҳаи Театри миллии Тоҷикистон, Абдувалӣ Комилов мавҷудияти шитобкориҳоро ҳангоми ба истифода додани иншоот тасдиқ намуд. Ба қавли номбурда, баъзе масъулин мехоҳанд ҳар чӣ зудтар ин ё он иншоотро ба истифода диҳанд, ҳол он ки баъд аз расман мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани онҳо сохтмон идома хоҳад ёфт. Агентӣ дар доираи ваколатҳояш пеши роҳи чунин шитобкориҳоро гирифта истодааст ва маҳз бо дахолати он мӯҳлати ба истифода супоридани як силсила иншоот ба вақти дигар гузаронида шудааст. Вобаста ба тасмими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бунёди Театри миллии Тоҷикистон то ин замон лоиҳакашони кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ, ба мисли Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус ва ғайра лоиҳаҳо омода ва пешниҳод намуданд, ки то Ҷашни байналмилалии Наврӯз яке аз онҳо интихоб ва сохтмон шурӯъ хоҳад гардид.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Қарзҳо коҳиш ёбанд ҳам, лекин ҳоло зиёданд

Зимни нишасти матбуотӣ роҷеъ ба натиҷаҳои фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ки бо пешбарии раиси Кумита Н.Давлатов гузашт, чунин маълумот ироа гардид:

-Дар соли 2011 нақшаи ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба андозаи 106,9 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 3 616,3 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет 3 865,5 млн. сомонӣ маблағ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 249,2 млн.сомонӣ зиёд аст.

Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ ба андозаи 101,3 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 739,2 млн.сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нақша 9,2 млн. сомонӣ ва нисбат ба соли 2010-ум 176,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2012 маблағи 529,6 млн.сомониро ташкил медиҳад ва нисбат ба 1 январи соли 2011 ба андозаи 154 млн. сомонӣ кам шудааст.

Мақомоти андоз дар доираи ваколатҳои худ бо мақсади маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо 1888 қарор ба маблағи 184 млн.сомонӣ қабул карданд. Аз ҳисоби ин қарорҳо ба ҳолати 1 январи соли 2012 ба буҷет 135,5 млн.сомонӣ маблағ ворид шуд.

Ҳамзамон тибқи тартиби судии маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо 14,7 миллион сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид карда шудааст.

Кумитаи андоз ба он мекӯшад, ки дар соли 2012 аз тарафи на камтар аз 10 фоизи андозсупорандагон дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳоро ба роҳ монад.

***Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»***

## Зи ҳар ромише ба ҷон оромише

Иштибоҳ намешавад, агар гӯем, ки нишасти матбуотӣ аз фаъолияти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов аз шавқовартарин ва самимитарин нишастҳои сол мебошад, ҳарчанд теъдоди ангуштшумори рӯзноманигорон дар он ҳузур доштанд. Маълум гардид, ки ин даргоҳи тавлидкунандаи оҳангҳои дилнишину рӯҳнавоз, ромишгарони мумтоз нисбати дигар соҳаҳо аз назарҳо хеле дур мондааст. Бо вуҷуди ин ҳама эҳсос гардид, ки дар ин кохи мӯътабари фарогири асосан инсонҳои истеъдодҳои Худодод, чӣ аз ҷумлаи устодон ва чӣ донишҷӯён, онҳое гирд омадаанд, ки пешаи худро дӯст медоранд ва сарфи назар аз ҳама мушкилоту норасоиҳо, дар дунёи рангоранги мусиқӣ худро хушбахт меҳисобанд.

Дар ин давра бо Академияи миллии мусиқии Украина ба номи П.И. Чайковский қарордоди ҳамкорӣ баста шуд. Фестивали 5 – уми байналмилалии ромишгарони ҳамватани «Баҳористон» бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон гузаронида шуд. Ташрифи олимон ва ҳунармандони хориҷӣ аз донишгоҳу консерваторияҳои шаҳрҳои Москва, Новосибирск, Урали Федератсияи Россия, давлатҳои ИМА, Исроил, Италия, Олмон, Фаронса, Англия, Эрон, Ӯзбекистон сурат гирифт, ки эътибори баланди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторовро дар арсаи байналмилалӣ нишон медиҳад.

Соли гузашта ин муассисаро 31 нафар, аз ҷумла 4 нафар бо дипломи аъло аз шӯъбаҳои рӯзонаю ғоибона, хатм карданд.

Бо Консерваторияи давлатии шаҳри Новосибирск ба номи Глинка системаи таҳсилоти фосилавии интернетии маълумоти Оn – line бори нахуст дар Осиёи Марказӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамчунин сафарҳои ҳунарии омӯзгорону донишҷӯён ба як қатор давлатҳои хориҷӣ ташкил карда шуд.

- Ба сохтори Консерватория гузаронидани мактабҳои махсусгардонидашудаи мусиқии ба номи З. Шахидӣ ва М. Атоев, Арғунуни ғайримақсаднок ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода додашуда, ивази асбобҳои мӯҳлаташон гузаштаи мусиқӣ, нарасидани мутахассисон, таъмири пурраи хобгоҳи муассиса аз ҷумлаи мушкилоти мо маҳсуб меёбанд, - изҳор дошт зимни нишаст ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон Раҷабмад Амиров.

***Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»***

## Фазои ҳавоӣ ҳам дарвоза дорад

Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» аз ҷумлаи сохторҳои авиатсияи мулкии кишвар аст, ки фаъолияташ ба таъмини бехатарии парвозҳои ҳавопаймоҳо нигаронида шудааст. Тавре директори генералии КВД «Тоҷикаэронавигатсия» Анвар Махсудов зимни нишасти матбуотӣ оид ба фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ дар соли 2011 зикр кард, соли ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро онҳо хуб ҷамъбаст намуданд.

-Аз ҳама муҳимаш он аст, ки дар фосилаи ҳисоботӣ бо айби хадамоту сохторҳои корхона ҳодисаву садамае ба қайд гирифта нашуда, талаботи асноди роҳбарикунанда, ки бехатарии парвозҳоро таъмин мекунад, дар сатҳи зарурӣ таҳия шуда, мавриди амал қарор доранд. Дигар самти муҳими фаъолияти мо тарбияи мутахассисони соҳавӣ мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ бо ихтисоси «Муназзими идораи ҳаракати ҳавоӣ» 15 нафар мактабҳои олии кишварҳои хориҷиро хатм намуданд ва бо кор таъмин гардиданд. Воқеан, махсус бояд зикр намуд, ки корхона дар самти баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисон соли 2011 бори аввал дар соҳаи авиатсияи кишвар ба системаи дистансионии омӯзиш гузашт, ки ин имкон дод хароҷот кам шуда, доираи зиёди кормандон ба омӯзиш фаро гирифта шаванд. Имрӯз мутахассисони мо дорои дараҷаҳои хуби тахассусианд,- иброз дошт А. Махсудов.

Барои исботи ин гуфтаҳо мисол оварда шуд, ки се нафар намояндаи Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» дар Озмуни дуввуми байналмилалии мутахассисони «Идораи ҳаракати ҳавоӣ», ки дар шаҳри Минск гузашт, соҳиби ҷойи аввал гардиданд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## Ҳалли масоили иҷтимоӣ – ҳадафи асосӣ

Дар Кохи матбуоти шаҳри Хуҷанд нишасти матбуотии раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода доир ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар соли 2011 бо иштироки беш аз 50 нафар намояндагони воситаҳои ахбори оммаи ватаниву хориҷӣ баргузор гардид.

Қоҳир Расулзода зимни суханронӣ зикр кард, ки соли сипаригашта - соли таҷлили ҷашни 20 – солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят барзиёд таъмин гардида, ба беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат намуд. Нақшаи даромадҳои буҷети давлатӣ (бе дарназардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 109,0 фоиз таъмин шуда, ба 595,6 млн. сомонӣ расид, ки аз нақшаи тасдиқгардида 48,9 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 92,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллии вилоят низ барзиёд, ба андозаи 108,4 фоиз таъмин гардида, 510,9 млн. сомониро ташкил дод, ки аз нақша 43,9 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 101,3 млн. сомонӣ зиёд аст. Дар ин давра аз буҷетҳои маҳаллии вилоят ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва фарҳанг 444,2 млн. сомонӣ маблағҳо равона карда шуданд, ки 80,2 фоизи хароҷоти умумии буҷети вилоятро ташкил медиҳад.

Раиси вилоят ҳамзамон зикр намуд, ки соли 2011 кишоварзони вилоят дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 4609,8 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,2 фоизро ташкил дод.

Зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа асосан аз ҳисоби пахта (127,5 фоиз), сабзавот (106,3 фоиз), картошка (113,3 фоиз), меваҷот (116,1 фоиз), ангур (129,1 фоиз), полезиҳо (109,6 фоиз) ва тухм (114,7 фоиз) таъмин гардидааст.

Пахтакорони вилоят соли гузашта 117 ҳазору 532,7 тонна пахта истеҳсол намуданд, ки 111,7 фоизи нақшаи солонаро ташкил дода, нисбат ба соли 2010 -ум 25,3 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 афзоиши маҳсулоти саноатиро таъмин намуданд. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят дар соли гузашта ба 2437,1 млн. сомонӣ расид.

***Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

## Пешравиҳо–хуб, қарздорӣ–бад

Ҳамаи бахшҳои тобеи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ дар соли ҷашнӣ, сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта ва камобии сол, мавсими обдиҳиро муташаккилона анҷом доданд.

Вазорат ӯҳдадориҳои шартномавии худро дар назди кишоварзон барзиёд иҷро намуда, дар ин давра бо 16831 хоҷагӣ дар майдони 537101 гектар барои хизмати обрасонӣ шартнома баст ва ба истифодабарандагон мувофиқи дархост дар қиёс ба соли 2010-ум 743 млн. $м^3$ зиёдтар об дод.

Дар ноҳияҳои камзамини кӯҳистон 415 гектар заминҳои нави обёришавандаро аз худ ва мавриди истифодабарӣ қарор дода, таъминоти оби 1625 гектар заминҳоро беҳтар намуд.

Муассисаи давлатии Сарраёсати «Тоҷикобдеҳот» ва лоиҳаҳои амалишавандаи назди вазорат соли равон ба маблағи 5,6 млн.сомонӣ таъмиру барқарорсозӣ ва таҷдиди системаҳои оби нӯшокиро ба анҷом расониданд.

Соҳилмустаҳкамкунӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба маблағи 49,93 млн. сомонӣ ё ин ки 155 фоиз ба иҷро расонида шуд, ки 17,73 млн.сомонӣ аз нақша зиёд аст.

- Бо сабаби сари вақт ва пурра напардохтани ҳаққи хизмати обрасонӣ аз ҷониби истифодабарандагон корхонаву ташкилотҳо, вазорат ҳамоно дар вазъияти душвори молиявӣ қарор дошта, қарзҳои кредитории онҳо 278,9 млн.сомонӣ, аз ҷумла қарзи музди меҳнат- 3,4 млн.сомонӣ, Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ -11,99 млн.сомонӣ ва қарзи ҳамаи намуди андозҳо 30 млн.сомониро ташкил менамояд, - изҳор намуд вазири мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ Раҳмат Бобокалонов.

Қарзи умумии корхонаҳои зертобеи вазорат аз истифодаи нерӯи барқ дар назди ШСХК «Барқи Тоҷик» 181,1 млн.сомониро ташкил медиҳад, ки 26,7 млн.сомонии он қарзи соли 2011 мебошад.

***Мирзо РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»***

## Ҳамкории мақомот бо мардум беҳтар мегардад

Соли 2011 аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ 4 гурӯҳи муташаккили ҷиноӣ, ки 32 нафарро дар бар мегирифт ва дар содир намудани 1392 ҷинояти вазнин гумонбар дониста мешуданд, дастгир гардиданд.

Аз гардиши ғайриқонунӣ 1 тоннаву 899 кг 130 грамм моддаҳои нашъаовар, аз ҷумла 236 кг 338 грамм героин, 131 кг 562 грамм афюн, 1 тоннаву 531 кг 230 грамм ҳашиш-гурӯҳи бангдона мусодира шуд.

Аз ҳисоби пурзӯр намудани ҳамкорӣ бо аҳолӣ 1063 адад яроқи оташфишон, аз ҷумла 184 адад автомат, 156 адад таппонча, 138 адад камонҳо ва карабин, 87 адад дигар намуди яроқи рахпеч, 449 адад яроқҳои суфтамил, 49 адад найзакорд ва миқдори зиёди лавозимоти дигари ҷангӣ мусодира шудааст.

-Аз 2 декабри соли 1994 то ҳамин давраи ҳисоботӣ шумораи силоҳи мусодирагардида 34017 ададро ташкил медиҳад, - гуфт дар нишасти матбуотӣ вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти милитсия Рамазон Раҳимов.

Чораҳои муассири андешидашуда ҷиҳати таъмини бехатарӣ дар роҳҳо буд, ки дар соли 2011 дар ҷумҳурӣ 1401 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,4 фоиз ё 146 ҳолат кам мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ 90 чорабинии назорати идоракунии воситаҳои нақлиёт гузаронида шудааст, ки дар натиҷа зиёда аз 27400 далели дағалона вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳ ошкор гардидааст.

Сарфи назар аз чорабиниҳои пешгирикунанда дар натиҷаи сӯхтор 26 нафар одамон фавтидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 16,1 фоиз ё 5 ҳолат камтар буда, аз онҳо 9 нафарашон ноболиғ мебошанд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

## Қарздорӣ аз музди меҳнат батадриҷ коҳиш меёбад

- Яке аз масъалаҳои муҳими имрӯза бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолист, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Маҳмадаминов. – Муддати соли сипаригашта ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 105302 нафар шаҳрвандон доир ба масъалаҳои шуғл муроҷиат намуданд, ки аз ин миқдор ба 44315 нафар мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 32406 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин 112,1 фоизи нақшаро дар бар мегирад. Дар соли 2011 ба оилаҳои камбизоат ба маблағи 34,7 миллион сомонӣ кӯмак ва ҷубронпулӣ дода шудааст.

Тавре вазир зикр намуд, музди миёнаи ҳармоҳа, ки ба кормандони кироя пардохт гардид, дар моҳҳои январ – октябри соли гузашта ба 432,4 сомонӣ баробар буд. Ин нишондиҳанда нисбат ба моҳи сентябри соли 2010 ба андозаи 27,9 фоиз афзудааст.

Бо мақсади мусоидат ба беҳтар гардонидани некӯаҳволии пиронсолони яккаву танҳо, маъюбон, кӯдакони имкониятацюн маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта, тавассути хизматрасониҳои иҷтимоӣ, равонӣ, касбӣ, парастории зарурӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо дар шаҳру ноҳияҳо 14 марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона амал мекунанд. Дар ин марказҳо ба 1863 нафар ниёзмандон хизматҳои иҷтимоӣ расонида, 330 нафари онҳо ройгон бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Айни ҳол дар хона – интернатҳо 1547 нафар ниёзмандон зиндагӣ мекунанд. Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ бо ҷойи хоб, сару либос ва хӯроки гарм, хизматрасонии иҷтимоию тиббӣ таъминанд.

***Т. ДАВЛАТ, «Садои мардум»***

## Роҳбарияти вазорат 219 нафар шаҳрвандонро қабул кард

- Муддати соли гузашта вазорат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба як қатор лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ хулосаи ҳуқуқӣ омода намуд, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.Менглиев. – Илова бар он, вазорат 33 лоиҳаи қонунҳоро бевосита таҳия намудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» 82 санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ аз вазорату идораҳои гуногуни кишвар ба қайди давлатӣ гирифта шуда, бақайдгирии 184 санади меъёрии ҳуқуқии дигар бошад, рад шудааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба 33 нафар ҳуқуқшиносон барои фаъолияти адвокати ваколатдор иҷозатнома дода шуд. Аризаи 11 нафар довталабон, бинобар аз нуқтаи назари тахассусӣ ҷавобгӯ набудан, аз ҷониби комиссия рад гардид.

Мутахассисони мақомоти адлия бо аҳолӣ 2816 вохӯрӣ гузаронда, ба суолҳои мардум посухҳои мушаххас додаанд. Чунин вохӯрию суолу ҷавобҳо имкон медиҳад сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон афзоиш ёбад.

Тавре вазир зикр кард, соли гузашта аз ҷониби роҳбарияти вазорат 219 нафар шаҳрванд қабул карда шуд. Муроҷиати шаҳрвандон бештар ба фаъолияти кормандони суд, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, нотариати давлатӣ, адвокатҳои ваколатдор, гузаронидани ташхиси судӣ ва дигар масоили ҳуқуқӣ вобаста буданд.

***Т. ДАВЛАТ, «Садои мардум»***

# ЭЪЛОН

## Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатии ёвари раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун эълон менамояд

**Талаботи тахассусӣ нисбат ба довталабон:**

се сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ; маълумоти олӣ, донистани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории соҳавӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, донистани забони давлатӣ, забони русӣ (донистани забони хориҷӣ матлуб аст); таърих, фарҳанг ва муқаддасоти миллӣ, малака ва маҳорати навиштор ва гуфтор, сатҳи матлуби дониши соҳавӣ, қобилиятиояндабинӣ ва пешгӯйии самти фаъолияти корӣ, маҳорати кор дар компютер.

**Ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшаванда:**

1.Ариза ба унвони раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо се адад акси андозаи 3х4);

3.Тарҷумаи ҳол;

4.Нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба маълумоти олӣ, такмили ихтисос ва унвони илмӣ;

5.Нусхаи шиноснома;

6.Маълумоти тиббии №086-У;

7.Дафтарчаи меҳнатӣ;

8.Тавсифнома аз ҷойи кори собиқ ё таҳсил.

Музди маош -1700 сомонӣ.

Ҳуҷҷатҳо то 9 феврали соли 2012 қабул карда мешаванд.

**Нишонӣ:** шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40, бинои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бахши кор бо кадрҳои КМИР).

Телефон барои гирифтани маълумоти иловагӣ: **221-13-64.**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни мақолаи беҳтаринро дар мавзӯи экология эълон менамояд.

Озмун аз 1 январ то 20 декабри соли 2012 гузаронида шуда, дар як сол ду маротиба- аз 20 то 25 июн ва аз 20 то 25 декабр ҷамъбаст мегардад. Аризаҳои иштироккунандагон дар давоми сол қабул карда мешаванд.

**Намунаи мавзӯъҳои озмун:**

- тағйирёбии иқлим, чораҳои пешгирикунанда ва мутобиқсозии иқтисодиёти кишвар ба оқибатҳои ногувори он;
- истифодаи захираҳои обию энергетикӣ;
- масъалаҳои экологии байнисарҳадӣ;
- инъикоси мавқеъ ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи захираҳои обию энергетикӣ;
- энергетика ва камбизоатӣ;
- тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ;
- ҳифзи гуногунии биологӣ;
- идоракунии партовҳо ва ғайра.

Ғолибон бо мукофотҳои пулии зерин қадр карда мешаванд:

- ҷойи аввал - 800 сомонӣ;
- ҷойи дуюм - 600 сомонӣ;
- ҷойи сеюм - 400 сомонӣ.

Бо қоидаҳои озмун дар сомонаи интернетии **www.parlament.tj** метавонед шинос шавед.

# ВНИМАНИЕ, КОНКУРС!

Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан объявляет конкурс на лучшую статью на экологическую тему.

Конкурс проводится с 1 января по 20 декабря 2012 года и подытоживается два раза в год - с 20 по 25 июня и с 20 по 20 декабря. Заявления участников принимаются в течение года.

**Примерные темы конкурса:**

- изменение климата, меры по предотвращению и адаптации экономики страны к его негативным последствиям;
- использование водно-энергетических ресурсов;
- трансграничные экологические проблемы;
- освещение позиции и государственной политики Республики Таджикистан в области охраны окружающей среды, в том числе использование водно-энергетических ресурсов;
- энергетика и малообеспеченность;
- экологическое воспитание и просвещение населения;
- охрана биоразнообразия;
- управление отходами и другие.

Для победителей предусматриваются следующие денежные призы:

- первое место – 800 сомони;
- второе место – 600 сомони;
- третье место – 400 сомони.

С правилами конкурса можно ознакомиться на сайте **www.parlament.tj**

**Ба Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАРХОСТ

## барои ширкат дар озмуни мақолаи беҳтарин дар мавзӯи экология

Ному насаб (пурра)
Ихтисос:
Номи мақола:
Дар куҷо нашр шудааст:
Телефон барои тамос
Суроға:
Суроғаи электронӣ:

*Имзо ва таърих*

**Эзоҳ:** Дархост ва нусхаи мақола дар формати А4, шрифти Times New Roman Tj, андозаи 14 бо ишораи «Ба Комиссияи озмун» ба суроғаи: 734051, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи муваққатии экологӣ ирсол карда мешавад. Нусхаи электронии мақола ба суроғаи почтаи электронии **ecocomission@yandex.ru** ирсол мегардад.

**Временной экологической Комиссии Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан**

# ЗАЯВКА

## на участие в конкурсе на лучшую статью на экологическую тему

Фамилия, имя, отчество (полностью):
Профессия /специальность:
Название статьи:
Место размещения статьи:
Контактный телефон:
Почтовый адрес:
e-mail:

*Подпись и дата*

**Примечание:** Заявка и копия статьи в формате А4, шрифт - Times New Roman Tj, размер 14, с пометкой «В Конкурсную комиссию» отправляется на адрес: 734051, г. Душанбе, пр. Рудаки 42, Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Временная экологическая комиссия. Электронная копия статьи направляется на электронный адрес: **ecocomission@yandex.ru**




# БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Ҳакимов Валиҷон Искандарович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0008680 бо РЯМ 0930001619 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 10 сентябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Шералиев Камолиддин Исломович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0197118 бо РЯМ 0230030543 ва РМА 035103230 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 22 сентябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Ҷононов Сафаралӣ Туйчибекович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0011790 бо РЯМ 3330001070 ва РМА 335114281 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Румии вилояти Хатлон 14 январи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Хайрот 2011», дорои РЯМ 5110010455 ва РМА 510026796, ки онро Нозироти андози шаҳри Хуҷанд додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Тож»-и шаҳри Хуҷанд фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Бобоев Саидмурод Сангинмуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0052907 бо РЯМ 0930024260 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 26 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми силсилаи АБ, № 065892 гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 56-уми ноҳияи Рӯдакӣ соли 2000 ба Рузиев Маҳмараҷаб Рамазонович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0008200 бо РЯМ 0630001845 ва РМА 065005942-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Роғун 4 майи соли 2010 ба Резвонов Назршоҳ Азамович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии тахти қайди №1449-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Зебунисо, хонаи №5, ноҳияи Шоҳмансур (собиқ Роҳи оҳан)-и шаҳри Душанбе 12 марти соли 2001 ба Ҷамолов Абдумансур додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № 421-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2008 ба Панҷиев Наби Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Музоядаи №2-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 10 феврали соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои Маркази ҷамъиятии ҶСК «Абрешим» | ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 36 | 400 000 |
| 2 | Бинои ошхона ва ҳуҷраи таомпазии ҶСК «Носири Хусрав» | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Э.Ниёзов | 100 000 |
| 3 | Бинои меҳмонхонаи ҶСК «Носири Хусрав» | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Э.Ниёзов | 120 000 |
| 4 | Бинои иловагии хобгоҳи ҶСК «Газоаппаратура» | ш.Хуҷанд, маҳаллаи 3 | 200 000 |
| 5 | Бинои чойхонаи ҶСК «Суруш» | ш.Истаравшан, кӯчаи Фабрика 1 | 300 000 |
| 6 | Бинои клуби ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 100 000 |
| 7 | Бинои ошхонаи ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 100 000 |
| 8 | Бинои меҳмонхонаи 1, ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 100 000 |
| 9 | Бинои меҳмонхонаи 2, ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 100 000 |
| 10 | Бинои бунгоҳи тиббии ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 100 000 |
| 11 | Бинои ошхонаи истифоданашавандаи ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 150 000 |
| 12 | Бинои боғчаи бачагонаи истифоданашавандаи ҶСП «Паррандапарварии Шаҳринав» | ноҳияи Шаҳринав, шаҳраки Октябр | 200 000 |
| 13 | Ҳавзи шиноварии ҶСК «ЖБК и СД» | ш.Душанбе, кӯчаи Н.Ганҷавӣ 377/1 | 300 000 |
| 14 | Бинои ошхона дар иншооти К-106-и ҶСК «Тоҷикхимпром» | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Пионер 19 | 100 000 |
| 15 | Бинои ошхона дар бинои маъмурии ҶСК «Тоҷикхимпром» | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Пионер 19 | 50 000 |
| 16 | Бинои ошхонаи даромадгоҳи ҶСК «Тоҷикхимпром» | ноҳияи Ёвон, кӯчаи Пионер 19 | 60 000 |
| 17 | Бинои ошхонаи бунгоҳи ҶСК «Пахтаи Шаҳритус» | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Носири Хусрав 6 | 100 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда –**хиёбони Рӯдакӣ 44, ш.Душанбе, ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47, тел: 92-798-40-16.** Тел: **221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон WWW.GKI. TJ гирифтан мумкин аст.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## 10 февраля 2012 года проводит аукцион №2 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Здание общественного Центра ОАО «Абрешим» | г.Худжанд, ул.Ленина 36 | 400 000 |
| 2 | Здание столовой и помещение для приготовления блюд ОАО «Носири Хусрав» | Кабадиянский район, сельский джамоат Э.Ниёзова | 100 000 |
| 3 | Здание гостиницы ОАО «Носири Хусрав» | Кабадиянский район, сельский джамоат Э.Ниёзова | 120 000 |
| 4 | Дополнительное здание общежития ОАО «Газоаппаратура» | г.Худжанд, махалла 3 | 200 000 |
| 5 | Здание чайханы ОАО «Суруш» | г.Истаравшан, ул.Фабрика | 300 000 |
| 6 | Здание клуба ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 100 000 |
| 7 | Здание столовой ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 100 000 |
| 8 | Здание гостиницы №1 ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 100 000 |
| 9 | Здание гостиницы №2 ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 100 000 |
| 10 | Здание медпункта ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 100 000 |
| 11 | Неиспользуемое здание столовой ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 150 000 |
| 12 | Неиспользуемое здание детского сада ЗАО «Паррандапарварии Шаҳринав» | Шахринавский район, городок Октябр | 200 000 |
| 13 | Бассейн ОАО «ЖБК и СД» | г.Душанбе, ул. Н.Ганджави 377/1 | 300 000 |
| 14 | Здание столовой в К-106-и ОАО «Тоҷикхимпром» | Яванский район, ул. Пионерская 19 | 100 000 |
| 15 | Здание столовой в административном здании ОАО «Точикхимпром» | Яванский район, ул. Пионерская 19 | 50 000 |
| 16 | Здание столовой возле проходной ОАО «Тоҷикхимпром» | Яванский район, ул. Пионерская 19 | 60 000 |
| 17 | Здание столовой ОАО «Пахтаи Шаҳритус» | Шахритусский район, ул.Носири Хусрав 6 | 100 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр.Рудаки 44. Метод проведения: ***английский***. Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, ул.Ленина 47. тел: 927-96-40-16**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5%-и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом РТ: WWW.GKI.TJ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Бензини АИ-92 | литр | тибқи дархост | 17.02.2012 соати 10⁰⁰ |
| 2 | | Харидорӣ ва насби чароғаки роҳ дар кӯчаи Туғдона 12 | адад | тибқи дархост | 17.02.2012 соати 10³⁰ |
| 3 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 13 | 17.02.2012 соати 11⁰⁰ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати *муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.*

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон *ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.*

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
**Садои МАРДУМ**

**САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ**

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:** Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

*Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз*

*Ба чопаш 27 январи соли 2012, соати 14.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26000 нусха*

*Навбатдори шумора М. Нуралиев*

*Тарроҳони компютерӣ* И. Самохин ва Н. Исмоилова